Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100
назди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
(734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисоди байни кишварҳо мавқеи хеле муҳимро касб менамоянд. Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки аҳаммияти омӯзиши ҳамкориҳои иқтисоди байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории Шанхай пеш аз ҳама бо зарурати стратегии ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ ва байналмиллалӣ муайян карда мешавад. Мавқеи ҷуғрофии ҷумҳурӣ, хусусиятҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, иқтидори захираҳои табиии он ва сохтори тиҷорати хориҷии он кишварро барои рушди ҳамкории бисёрҷонибаи иқтисодӣ ҳавасманд мекунад. Аз ин лиҳоз, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ бояд на танҳо ҳамчун самти сиёсати иқтисодии хориҷӣ, балки ҳамчун воситаи имконпазир барои тадбиқи афзалиятҳои дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии миллӣ барраси карда шавад.

Маҳз дар ин замина ҷанбаи тиҷоратию иқтисодии ҳамкории Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай махсусан муҳим аст. Густариши тиҷорати мутақобила, бартараф намудани монеаҳои инфрасохторӣ, рушди робитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорӣ метавонад ба васеъ шудани бозорҳо барои маҳсулоти Тоҷикистон мусоидат кунад. Аз ин рӯ мавзӯи таҳқиқоти унвончӯ Иброҳимзода Амир Муддин барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими стратеги дорад.

Унвончӯ дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро дар ҳошияи ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ барраси намудааст. Таваҷуҳи асосӣ ба мактабҳои гунонгуни иқтисоди дода шуда, муаллиф дар шакли расм консепсия ва назарияҳои асосии савдои байналмилалиро пешниҳод намудааст. (расми 1. саҳ. 11).

Ҷанбаи муҳими дигари мусбати автореферат дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар натиҷаи таҳлили мактабҳои гуногуни иқтисоди модели рушди тиҷорати байналмилалиро пеш аз ҳама дар ҳошияи ҳамгирои иқтисодии пешниҳод кардааст, ки воқеан арзиши илмиро баланд мегардонад. Унвончӯ дуруст қайд менамояд, ки ҷанбаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо

механизмҳои муттаҳидшавии кишварҳоро фаҳмем, балки самаранокии онҳоро аз нуқтаи назари рушди иқтисодӣ, устуворӣ ва рақобатпазирии ҷаҳонӣ арзёбӣ кунем.

Дар автореферат ҳамчунин масъалаҳои марбут ба таҳлили вазъи умумии гардиши савдои хориҷӣ, ҳамкориҳои сармоягузорӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди ин ҳамкориҳо мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд. Ҳамзамон роҳҳои рушд ва механизмҳои такмили ин ҳамкориҳо аз ҷониби муаллиф мушахасан пешниҳод гардидаанд, ки арзиши таҳқиқоти мазкурро боз ҳам зиёд мегардонанд.

Тавре аз автореферат мушоҳида мегардад, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳо ва ташаббусҳои тиҷоратию иқтисодии СҲШ мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар рафти кор баён шудаанд, метавонанд дар такмили ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти илмӣ, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанад аз ҷумла

- агар унвончӯ омилҳоеро, ки ҳам ба рушд ва ҳам ба маҳдуд намудани муносибатҳои тиҷоратию иқтисоди байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ оварда мерасонанд, дар шакли модел пешниҳод менамуд хуб мегардид.

Дар ниҳоят бояд гуфт, ки эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

Ҳамин тавр, бо назардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» ба талаботи муқараргардидаи КОА ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Тақризиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Гулмамадов А.В.

Имзои н.и.и., дотсент Гулмамадов А. В - ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«02» ноября 2026 с.

Суроға: Хиёбони Рӯдакӣ, 17, ш. Душанбе,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел: (+992 37) 221-62-25.
info@tnu.tj.